«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии
Хуҷанд, ба номи академик Бобоҷон Ғафуров”
доктори илмҳои таърих, профессор
Ҷӯразода Ҷ. Ҳ. ______________
«26» апрели 2021

# ТАҚРИЗИ

**Муассисаи давлатии таълимии “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ба сифати муасисаи пешбари тақриздиҳанда ба диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ**

Рисолаи диссертатсионии Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи “Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев” бо қарори Шӯрои дисертатсионии 6D-КОА-005 назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои тақриз ба Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров ҳамчун муассисаи пешбари тақриздиҳанда ирсол гардида, он дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи Ватан ва археолоғияи факултети таърих ва ҳуқуқи донишгоҳи мазкур мавриди муҳокима қарор гирифт.

Дар муҳокимаи рисолаи диссертатсионӣ шахсони зерин иштирок намуданд: Исомитдинов Ҷ.Б., мудири кафедра, н.и.т., дотсент, Ҷӯразода Ҷ., д.и.т., профессор, Набиев В.М., д.и.т., профессор, Турсунов Н.О., д.и.т., профессор, Раҳимов Н.Т., д.и.т., профессор, Ғаффоров У., н.и.т., профессор, Ҷабборов И.Р., н.и.т., дотсент, декани факултет, Файзуллоев М., н.и.т., дотсент, Шарифов Ш., н.и.т., дотсент, Турсунов Б.Р., н.и.т., дотсент, Эркаев С.А., н.и.т., дотсент, Ҷӯраев М.С., н.и.т., муаллими калон, Ғайбуллоева М., н.и.т., муаллимаи калон, Абдукаримов Ҷ.А., н.и.т.,

муаллими калон.

Муассисаи пешбари тақриздиҳанда дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби д.и.т., профессор Н.Т. Раҳимов ва номзадҳои илми таърих, дотсентон Ҷ.Б.Исомитдинов, Ш.Шарифов таҳия ва омода гардид, қайд менамояд, ки рисолаи Ахмедов Ф.Ҳ. ба мавзӯи хеле муҳим ва камтаҳқиқшуда бахшида шуда, дар он масъалаи инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор гирифтааст.

**1. Мубрам будани мавзӯи таҳқиқот**.

Номи академик Абдулғанӣ Мирзоев дар радифи донишмандони маъруфи насли аввали тоҷик дар даврони шӯравӣ, мисли устод С.Айнӣ, Б.Ғафуров, З.Раҷабов, С.Раҷабов, Б.Искандаров, А.Баҳоваддинов ва дигарон қарор дорад, ки дар ташаккул ва рушду нумуи илми тоҷик саҳми беандоза гузоштаанд.

Академик А.Мирзоев бо таҳқиқотҳои пурарзиши худ чун адабиётшинос, забоншинос, матншинос, ховаршинос, муаррих, созмондеҳи моҳири илм ва устоди садҳо муҳаққиқони ҷавон дар таърихи илми тоҷик мақоми шоистаро касб намуда, шуҳрати ӯ берун аз Тоҷикистон, дар ҷумҳуриҳои собиқ шӯравӣ, ҷаҳон, хосатан дар Эрону Афғонистон маълуму маъруф аст.

Мавзӯи таҳқиқотҳои академик А.Мирзоев хеле фарроху доманадор буда, он таърихи фарҳангу адаби тоҷик, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, афкори фалсафӣ -иҷтимоӣ, ховаршиносӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Дар симо ва осори академик А.Мирзоев амалияи хеле моҳирона ва муваффақонаи пайванди равияҳои гуногуни улуми инсоншиносӣ-таърих, забон, адабиёт, ховаршиносӣ фалсафа ва ғайраро метавон мушоҳида намуд.

Мусаллам аст, ки дар таҳқиқотҳои таърихӣ, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, ховаршиносӣ, фалсафа, ки дар пояи сарчашмаҳои нодири таърихӣ, фалсафӣ, адабӣ таълиф мешаванд, таърих, адабиёт, фарҳанг,

моҳирона ба ҳам пайваста шуда, ҷанбаи таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии он хеле моҳирона ва нафис ба ҳам омезиш ёфта, арзиши илмии чунин таҳқиқотҳо бамаротиб афзун мекунад.

Таҳқиқу омӯзиши рӯзгор ва осори илмии чунин муҳаққиқон, аз қабили академик А.Мирзоев барои равшан ва собит намудани равобити ногусастании шохаҳо ва равияҳои гуногуни илмҳои ҷомеашиносӣ, таърихи ташаккули илми таърих, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, ховаршиносӣ, фалсафа ва ғайра мусоидат хоҳад кард, зеро ҳаёт ва фаъолият, осори илмии академик А.Мирзоев як ҷузъи таркибии таърихи илми тоҷик, ташаккул ва рушди самтҳои гуногуни дар боло зикршудаи он мебошад.

Авомили мазбур метавонад далелу бурҳони қотеъ ва эътимодноку боварибахши интихоби дурусти мавзӯъ ва мубрам будани рисолаи илмии муҳаққиқ Ахмедов Ф.Ҳ. шинохта шавад. Муаллифи рисола низ мубрам будан, аҳамият ва арзиши илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ, амалӣ, тарбиявии таҳқиқотиашро бо далелҳои эътимодбахш асоснок намудааст, ки коршиносон ва муқарризони муассисаи пешбари тақриздиҳанда бо он комилан розианд.

2. **Мақсад, вазифа ва ҳадафи таҳқиқот**.

Муаллифи рисола мақсад, вазифа ва ҳадафи таҳқиқоти худро ба таври равшану возеҳ муайян ва мушаххас намуда, онро дар ҷараёни пажӯҳиш ба таври пайванди мантиқӣ, маҷмӯӣ (комплексӣ) анҷом додааст. Метавон чанд нуктаҳои муҳими онро номбар намуд:

-таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи марҳилаҳои асосии рӯзгор ва шарҳи осори илмии академик А.Мирзоев ва ташаккули ӯ чун олим, муҳаққиқ, сарвар ва созмондеҳи илм;

- таҳлили ташаккули ҷаҳонбинии таърихии А.Мирзоев, тавзеҳу ташреҳи ҷанбаҳои таърихии осори илмии олим ва ба ин васила арзёбии саҳму хидмат ва муайян кардани ҷойгоҳи олим дар рушди илми таърих ва таърихнигории тоҷик;

-инъикоси фаъолияти пурсамари академик А.Мирзоев ба ҳайси сарвари Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ Тоҷикистон, хизматҳои шоистаи ӯ дар рушди самтҳои гуногуни илми ховаршиносӣ дар Тоҷикистон;

- ниҳоят яке аз ҳадафҳои муҳими рисолаи тақризшаванда ин арзёбии фаъолияти академик А.Мирзоев дар самти маъхазшиносӣ, ҷустуҷӯ, таҳқиқ ва нашри сарчашмаҳои нодири таърихӣ, адабӣ мебошад, ки замина ва пояи таҳқиқоти асили таърихӣ, адабиётшиносӣ ва ховаршиносӣ маҳсуб меёбад.

Тамоми мақсад, вазифа ва ҳадафи таҳқиқот ва ҳаллу фасли он аз ҷониби муаллифи рисола комилан дуруст муайян, мушаххас ва ба анҷом расонида шудааст.

3. **Объекти таҳқиқот**. Тамоми осори илмӣ, таълифоти гуногунҷабҳаи академик А.Мирзоев маҳсуб ёфта, муаллифи рисола пеш аз ҳама ва беш аз ҳама ба мероси илмии олим чун появу сарчашмаи пажӯҳиши худ такя намудааст.

4. **Предмети таҳқиқот** пажӯҳиш ва мушаххас намудани ҷанбаҳои таърихии мероси илмии академик А.Мирзоев ва ба ин васила дарёфти инъикоси таърихи қуруни вусто ва давраи нави тоҷик дар асарҳои илмии олим мебошад.

5. **Замина ва пояи сарчашмавии** таҳқиқотро муаллиф ба чанд навъ гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро шарҳу тафсир намудаст, ки ба шумули онҳо сарчашмаҳои таърихии дар осори илмии академик А.Мирзоев мавриди таҳқиқ қарор ёфта, таълифоти худи олим, мақолаҳои ҳамкорон, ки бо таҳлилу арзёбии мероси илмии А.Мирзоев бахшида шудаанд, қайду хотироти ҳамкорон, шогирдон, ки дар маҷмӯъ пойгоҳи манбаъвии диссертатсияро комил ва ғанӣ сохтаанд.

6. **Заминаи методологии таҳқиқот**- метод, услубу шеваҳои умумие, ки хоси таҳқиқотҳои гуманитарианд, аз ҷумла воқеият (объективизм), таърихият (историзм) мебошанд. Илова бар он муаллиф аз услубу шеваҳое, ки хоси пажӯҳишҳои таърихианд, аз ҷумла методи тасвирӣ, тавсифӣ,

таҳлилӣ, интиқодӣ, шарҳиҳолӣ, системавӣ, хронологӣ, хулосабарорӣ ва ғайра истифода бурдааст.

7. **Навигарихои илмии диссертатсияи** тақризшаванда дар он зоҳир мешавад, ки муаллиф бори нахуст дар илми таърих ва таърихнигории тоҷик саҳму хидмати академик А.Мирзоевро дар таҳқиқу омӯзиши таърихи асримиёнагӣ ва давраи нави тоҷик мавриди омӯзиш қарор дода, ҷойгоҳи мероси илмии ӯро дар ташаккул ва рушди илми таърих ва таърихнигории тоҷик арзёбӣ ва муайян намудааст.

Бисёр далелҳо, маълумотҳо, андешаҳои муаллиф наву тоза буда, бори аввал ба фазои илм ворид ва дастраси доираҳои илмӣ ва мардум мегардад. Ин саҳму хидмати шахсии муаллифи диссертатсия дар ҳаллу фасли мавзӯи пажӯҳиш мебошад, ки арзиш ва аҳамияти илмӣ, иҷтимоӣ-фарҳангиро дорост.

8. **Сохтори диссертатсия ва пайванду мураттибии мантиқӣ ва таркибии он.**

Диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович “**Ииъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев**” аз муқаддима, ду боб, ҳафт зербобҳо, хулоса ва феҳристи сарчашмаву адабиёти истифодашуда иборат аст.

Дар “**Муқаддима**”- и рисола муаллиф мубрам будани мавзӯъ, дараҷаи омӯхта шудани он, мақсад, вазифа, ҳадафи пажӯҳиш, объект, предмет, ҳудуди хронологии таҳқиқот, заминаҳои сарчашмавӣ, методологии онро муайян ва мушаххас намуда, навоварӣ, арзиш, аҳамияти илмӣ, назариявӣ, маърифатӣ ва амалии рисоларо асоснок намудааст.

Боби аввали рисола “**Абдулғанӣ Мирзоев олими барҷаста ва созмондеҳи илми шарқшиносӣ дар Тоҷикистон**” аз ду зербоб иборат аст. Зербоби аввал “**Марҳилаҳои асосии зиндагӣ ва фаъолияти кории академик А.Мирзоев**” ба таҳлилу баррасии шарҳи ҳол, зиндагиномаи олим бахшида шуда, дар ин қисмат оид ба хонаводаи А.Мирзоев, даврони наврасӣ, муҳити тарбия ва ташаккулёбии ӯ дар оила, таҳсил дар мактаб, ибтидои

фаъолияти меҳнатӣ дар мақомоти идории ноҳиявӣ, шуғли рӯзноманигорӣ маълумоти ҷолиб оварда шудааст.

Давраи таҳсили А.Мирзоев аввал дар факултети забоншиносии Донишкадаи таърих, фалсафа, адабиёт ва забоншиноси Ленинград ва сипас дар шуъбаи эроншиносии факултети шарқшиносии яке аз донишгоҳҳои бонуфузи ИҶШС ва ҷаҳон – Донишгоҳи давлатии Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) ва нақши мактаби бузурги илмии ховаршиносии Ленинград дар ташаккули ӯ чун муҳаққиқи оянда дар зербоби мазкур муфассал инъикос ёфтааст. Муаллифи рисола доир ба фаъолияти минбаъдаи А.Мирзоев пас аз хатми донишгоҳ дар муассисаҳои гуногуни олии таълимӣ, фаъолияти илмӣ- эҷодии ӯ дар самти илми адабиётшиносӣ, таҳлили асарҳои ӯ, маъмурияти дипломатии А.Мирзоев ба сифати референти Сафорати ИҶШС дар Эрон, фаъолияти ӯ пас аз бозгашт ба Ватан дар Академияи илмҳои Тоҷикистон, ҳимояи рисолаи номзадӣ ва кору фаъолият дар вазифаҳои масъули сарварӣ дар сохторҳои Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, офаридани асарҳои пурарзиши илмӣ далелу маълумотҳои муҳим ва ҷолиб овардааст.

Зербоби дуюми боби аввали рисола “**Академик А.Мирзоев созмондеҳи илми шарқшиносӣ ва мураббии олимони ҷавон**” ба яке аз марҳилаи муҳим ва пурсамари А.Мирзоев дар мақоми сарвари Шуъбаи шарқшиносӣ ва мероси хаттӣ (соли таъсиси он 1958) ва сипас Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ Тоҷикистон (соли таъсиси он 1970), ки то охири умр ба уҳда дошт, бахшида шудааст.

Муаллифи рисола дуруст қайд менамояд, ки фаъолияти А.Мирзоев ҳамчун сарвари илми ховаршиносии тоҷик ба даврае рост меояд, ки ба шарофати ба вазифаи директори Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АИ ИҶШС таъин гардидани муаррихи номии тоҷик, академик Б.Ғафуров дар илми ховаршиносии шӯравӣ, ватанӣ таҳаввулоти куллӣ ба вуҷуд омада, он аз илми кабинетӣ ба илми амалкунанда, фаъол, фарогири ҳаллу фасли масоили мубрам ва рӯзмарраи мамолики Шарқ табдил ёфт. Дар ин радиф ховаршиносии тоҷик низ ба комёбиҳои назаррас ноил гашт ва дар ин ҷода

саҳму хизмати А.Мирзоев, донишу хирад, фитрат, фазилат ва истеъдоди сарварӣ, интихоб ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо ва муайян кардани мавзӯъ ва самту равияҳои муҳимтарини таҳқиқотҳои ховаршиносӣ аз ҷониби ӯ нақши муҳим бозиданд.

Дар рисола фаъолияти тамоми шуъбаҳои пажӯҳишгоҳ, аз ҷумла "Шуъбаи матншиносӣ, таҳқиқ ва нашри осори хаттӣ", "Шуъбаи ҳифзи дастхатҳо, коркарди нусхаи хаттӣ ва таҳияи феҳристҳо", "Шуъбаи Эрон ва Афғонистон", "Шуъбаи арабшиносӣ", "Шуъбаи Ҳинду Покистон" бо тамоми тафсилот ва таҳлили амиқ, арзёбии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии онҳо, кормандони алоҳидаи шуъбаҳо, дастовардҳои илмӣ, нашри рисолаҳо, таҳқиқотҳо, мақолаҳо, тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон, равобити илмии ховаршиносони тоҷик бо ҳамкасбони хориҷии худ, иштирок дар конфронсҳо, симпозиумҳо, ҳамоишҳои илмии сатҳи умумииттифоқӣ, байналмилалӣ ва ғайра мавриди таҳқиқу баррасии воқеъбинона қарор гирифтааст.

Боби дуюми диссертатсия "**Саҳми академик Абдулғанӣ Мирзоев дар рушди илми таърих дар Тоҷикистон**" аз панҷ зербоб иборат буда, инъикоскунандаи мазмуну муҳтаво ва ҳадафи асосии таҳқиқоти мазкур, яъне таҳлилу баррасии масъалаи меҳварӣ ва калидии диссертатсия – инъикоси таърихи халқи тоҷик дар осори илмии академик Абдулғанӣ Мирзоев мебошад.

Зербоби аввали боби дуюми рисола "**Академик А.Мирзоев муҳаққиқи таърихи халқи тоҷик**" ба фаъолияти илмии олим дар Институти таърих, бостоншиносӣ, мардумшниосӣ, забон, луғат ва адабиёти Филиали тоҷикистонии АИ ИҶШС дар мақоми сарвари ин пажӯҳишгоҳ, ки моҳи октябри соли 1947 таъйин гардид, бахшида шудааст. Муаллифи рисола таъкид менамояд, ки дар интихоб ва таъйин шудани А.Мирзоев ба ин вазифа нақши Бобоҷон Ғафуров, ки ҳамон вақт сарвари аввали сиёсии ҷумҳурӣ – яъне котиби аввали КМ ҲК Тоҷикистонро дар ухда дошт (1946-1956) ва дар як вақт мудири шуъбаи таърихи пажӯҳишгоҳи номбурда буд, бузург буд.

Дар фаъолияти институт таҳқиқу омӯзиши таърихи халқи тоҷик яке аз самтҳои асосӣ ва муҳим маҳсуб меёфт. Муаллифи рисола таъкид бар он менамояд, ки А.Мирзоев чун сарвари оқил ва моҳири пажӯҳишгоҳ дар мавриди аз сарчашмаҳои нодири таърихӣ омӯхтани гузаштаи халқи тоҷик, таҳқиқу омӯзиши манбаъҳои таърихӣ, ташкили экспедитсияи илмии бостоншиносӣ, этнографӣ таваҷҷуҳи хос медод. Нашри аввали асари ҷамъбастии Б.Ғафуров "Таърихи халқи тоҷик" ба забони тоҷикӣ (1947), ки зери таҳрири А.Мирзоев рӯи чоп омада буд, дастоварди муҳими илми таърихнигории тоҷик буд.

Дар зербоби мазкур оид ба ҳамкориҳои А.Мирзоев бо Б.Ғафуров, А.Семёнов далелҳои ҷолиб оварда шудааст. Дар ин қисмат ба фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносӣ, этнографӣ ба минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон ва натиҷаҳои он, осори нашркардаи бостоншиносону мардумшиносон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешавад.

Зербоби дуюми боби дуюм "**Бозтоби масоили таърихи сиёсии давлати Сомониён дар осори академик А.Мирзоев**" ном дошта, дар он сухан дар хусуси саҳми А.Мирзоев дар таҳқиқу омӯзиши таърих, фарҳанг ва тамаддуни Сомониён ва ба ин васила ташаккули равияи сомониёншиносӣ меравад. Дар ин радиф муаллифи рисола яке аз таҳқиқотҳои бунёдии А.Мирзоев "Абӯ Абдулло Рӯдакӣ"- ро амиқ таҳлил намуда, дар ин замина саҳми олимро дар таҳқиқу баррасии замони Рӯдакӣ, авзои сиёсии Мовароуннаҳр, сабабҳо ва омилҳои забти ин аз ҷониби ишголгарони араб, қиёмҳои мардумӣ бар зидди зулми аҷнабиён, ташаккули халқияти ягонаи тоҷик ва забони адабии ӯ, эҳёи таърих, адабиёт, забони тоҷикон, мутафаккирони бузурги халқи тоҷик, андешаву афкор ва ғояҳои фалсафӣ-динӣ, ҳаёти сиёсӣ- иҷтимоӣ, иқтисодӣ, касбу ҳунар, тиҷорат ва ғайраро инъикос намудааст.

Муаллифи рисола асарҳои дигари А.Мирзоев "Осори Рӯдакӣ", "Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ" ва ҷанбаҳои таърихии онҳоро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки дар ин асар оид ба аҳвол ва осори 60 нафар шуарои аҳди Сомониён ва 11 нафар шоироне, ки қабл аз Рӯдакӣ зиндагӣ

кардаанд, маълумот оварда шуда “бо арзиш ва аҳамияти худ фаротар аз тазкираи маъруфи устод С.Айнӣ” “Намунаи адабиёти тоҷик” аст” (саҳ.109 диссертатсия).

Дар зербоби сеюм “**Инъикоси рӯйдодҳои таърихии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XV ва нимаи аввали асри XVI дар асарҳои академик А.Мирзоев**” ба таҳлили муҳимтарин ҳодисоту рӯйдодҳои асри XV ва нимаи аввали асри XVI, ки яке аз марҳилаҳои пур аз воқеаҳои пуртаҳлука, пуртазод ва сарнавиштсоз буда, ба раванди минбаъдаи таърихи халқҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, тоҷикон таъсири амиқ гузоштанд, бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллифи рисола дар бораи аҳамият ва арзиши мақолаҳо ва таълифоти А.Мирзоевро дар амри барқарор кардани адолати таърихӣ ва мубориза алайҳи тахрифи ҳақиқати таърихӣ, таърихбофӣ, таърихсозии бархе аз “муҳаққиқон”, адибон далелҳои ҷолибро овардааст. Аз ҷумла андешаҳои А.Мирзоев дар бораи таҳрифи муносибати дӯстонаи А.Ҷомӣ ва А.Навоӣ ва муносибат А.Навоӣ бо К.Биноӣ аз ҷониби адиби ӯзбек Т.Ойбек мисоли гуфтаҳои болост.

Дар таълифоти илмии А.Мирзоев марбут ба авзои сиёсии Мовароуннаҳри солҳои 70-уми асри XV, чеҳраҳои машҳури сиёсӣ, уламои дин, мақом, нуфуз ва таъсири онҳо ба ҷараёну ҳодисоти таърихӣ маълумотҳои ҷолиб дар пояи сарчашмаҳои муътабар оварда мешаванд, ки андешаҳои олим аҳамият ва арзиши муҳими илмӣ доранд.

Муаллифи рисола инъикоси рӯйдодҳои муҳими таърихии даврони Шайбониёнро дар таълифоти илмии А.Мирзоев низ мавриди баррасӣ қарор дода, саҳми ӯро дар таҳқиқу омӯзиши ин давраи фоҷиабори таърихи тоҷикон, кашмакашиҳои сулолавӣ, дасисаҳои дарборӣ, зиддиятҳои мазҳабӣ ва гайра арзёбӣ намудааст. Яке аз хусусиятҳои таълифоти илмии академик А.Мирзоев таъкид менамояд, муаллифи диссертатсия, ин истифодаи фаровони маълумотҳои таърихӣ мебошад. Ба шарофати таҳқиқотҳои А.Мирзоев ва саъю кӯшиши беандозаи ӯ шумораи зиёди сарчашмаҳои муҳими асрҳои XV-XVI ва маълумоти нодири онҳо дастраси ахли илм, аз ҷумла муаррихон гардиданд.

Зербоби чоруми боби дуюми диссертатсия “**Баррасии масоили таърихии асри XVII ва нимаи аввали асри XVIII дар рисолаи “Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик”- и А.Мирзоев**” ном дошта, дар ин қисмат муаллифи диссертатсия ин асари пурарзиши олимро дар тарозуи таърих санҷида, аҳамияти онро дар омӯхтани ҳаводиси мухимтарини асри XVII ва оғози асри XVIII муайян намудааст.

Мусаллам аст, ки муҳити адабию фарҳангӣ аз авзои сиёсии замон вобаста буда, ба он таъсири амиқ мерасонад ва ошкор сохтани хусусиятҳои хоси вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои пурратар равшан намудани муҳити адабию фарҳангӣ кӯмак мерасонад. Дар таҳқиқотҳои А.Мирзоев маҳз ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир шуда, ҷанбаи адабиётшиносӣ ва таърихии пажӯҳишҳои олим ба ҳам моҳирона пайваст мебошанд.

Дар диссертатсияи Ахмедов Ф.Ҳ. рисолаи номбурдаи А.Мирзоев дар қаринаи (контексти) воқеаву рӯйдодҳои муҳимтарини асри XVII ва оғози асри XVIII мавриди таҳлил қарор гирифта, муаллифи рисола аҳамият ва арзиши ин асарро дар комилтар омӯхтани баъзе саҳифаҳои таърихи ин давр ва мушаххас намудани хусусиятҳои умдаи он тасдиқ менамояд. Дар мавриди инъикоси рӯйдоду ҳодисоти давраи зикршуда низ А.Мирзоев ба маълумоти манбаъҳои таърихи он давра, аз ҷумла рисолаи Муҳаммад Юсуфи Муншӣ такя намудааст ва рисолаи “Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик” на танҳо барои адабиётшиносон ва таърихи адабиёти тоҷик, балки барои муаррихон ва илми таърихнигории тоҷик низ аҳамияти муҳими илмӣ дорад.

Қисмати охирини рисола – зербоби панҷум «**Инъикоси воқеаҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX- и аморати Бухоро дар осори Аҳмади Дониш ва баррасиҳои онҳо аз тарафи академик А.Мирзоев**» ба таҳлилу таҳқиқи осори поягузори ҷараёни маорифпарварии нимаи дуюми асри XIX – и тоҷик Аҳмад Махдуми Дониш (1827-1897) бахшида шудааст. Осори Аҳмади Дониш ҳамчун донандаи моҳири таърихи аморати Бухоро дар нимаи дуюми асри XIX ва шоҳиди бевоситаи бисёр воқеаву ҳодисоти ин

давра таваҷҷуҳи академик А.Мирзоевро ба худ ҷалб сохта, ҳангоми тасвири моҳияти ин рӯйдодҳо ӯ ба асарҳои Аҳмади Дониш чун манбаи нодир рӯ овардааст.

Муаллифи диссертатсия қайд менамояд, ки А.Мирзоев ба шахсият ва осори А.Дониш барвақт таваҷҷуҳ намуда, ҳанӯз дар китоби дарсии «Адабиёт», ки соли 1948 таълиф гашта буд, дар фасли «Маълумоти мухтасар оид ба ҳаёти сиёсӣ ва адабии Мовароуннахр дар асри XIX» дар бораи А.Дониш маълумот овардааст. Минбаъд А.Мирзоев доир ба шарҳи ҳол ва осори А.Дониш як зумра таълифоти пурарзишеро анҷом дода, ба ин васила дар таҳқиқу омӯзиши зиндагинома ва мероси ин мутафаккири бузург саҳми арзанда гузоштааст. Таҳқиқоту таълифоти А.Мирзоев марбут ба А.Дониш на танҳо инъикосгари рӯзгор ва осори ӯ, балки таҳқиқу омӯзиши замони мутафаккир, хосатан моҳият ва хусусияти ҳаводиси он давра аз диди А.Дониш мебошад. А.Дониш аз қавли муаррихи маъруфи тоҷик Ҳ.Пирумшоев дар саргаҳи гузариш аз донишҳои таърихӣ ба донишҳои воқеан илмӣ қарор дошт ва тарзи масъалагузорӣ, таҳлили амиқи вокеаҳо ва кӯшиши дарёфти замина, сабабҳо ва ангезаҳои воқеии онҳо дар осори илмии А.Дониш маънии дарки воқеъбинонаи раванди таърихнигории миллиро дорад.

Моҳият ва хусусияти замони зиндагӣ ва фаъолияти А.Дониш, ки дар аҳди салтанати се амирони мангитӣ – Насруллоҳ (1836-1860), Музаффар (1860-1885), Абдулаҳад (1885-1910) сипарӣ шудааст, се сафари ӯ дар ҳайати сафорати аморати Бухоро (солҳои 1857, 1868, 1873) ба сифати мушовир-котиби сафорат ба пойтахти Русия – шаҳри Петербург дар таълифоти А.Мирзоев батафсил таҳлил шуда, назари А.Дониш доир ба низоми ақибмондагӣ ва пӯсидаи идории амирони манғит ва зарурияти ислоҳот дар беназмию берабтии умури давлатдории онҳо мавриди баррасии амиқ қарор гирифтааст. А.Мирзоев ба асари А.Дониш «Рисола ё мухтасаре аз таърихи салтанати хонадони манғития» ҳамчун манбаи нодир рӯй оварда, маълумотҳои А.Донишро дар бораи амир Насруллоҳ, амир Музаффар,

амир Абдулаҳад ва замони ҳукмронии онҳо далелу арқоми нодир меҳисобад.

Осори дигари А.Дониш «Номус-ул- аъзам», дар бораи хусусиятҳои мазҳаби суннӣ ва шиа ва ихтилофи онҳо, «Наводир-ул-вақоеъ» чун асари ёддоштӣ таваҷуҳи А.Мирзоевро ба худ ҷалб сохта, ӯ дар бораи онҳо чанд таълифоти муҳим ва ҷолибро ба анҷом расонидааст.

Ҳодисаи охири асри XVIII, рақобати аморати Бухоро бо хонии Хуқанд, бисёр рӯйдодҳои он замон, аз ҷумла қатли оми қабилаи қипчоқ дар Хуқанд (9 октябри соли 1852) дар осори А.Дониш тасвир ёфтааст. Аҳмади Дониш дар бораи сабаб ва ангезаи аслии ин воқеа ва шумораи қурбоншудагон маълумоти нодир меорад, ки дар таҳқиқотҳои дигар муҳаққиқон дида намешавад ва ин маълумоти нодири А.Донишро А.Мирзоев махсус таъкид намудааст. Дар як мақолаи А.Мирзоев “Аҳмади Дониш ва гузориши масъалаи истифода бурда шудани оби дарёи Ому” оид ба масъалаи зироат, низоми истифодаи об андешаҳои ҷолиб баён шудаанд, ки барои омӯхтани ин масъала, ки дар Шарқ ҳамеша яке аз масъалаҳои доғ ба ҳисоб мерафт, маълумоти муҳим ба ҳисоб меравад.

Муаллифи диссертатсия ба чунин хулоса омадааст, ки таълифоти А.Мирзоев марбут ба рӯзгор ва осори А.Дониш баробари арзиши бузурги илмиашон дар самти таҳқиқи ҳаёт ва фаъолият, осори ин мутафаккир, барои дарки вақеии рӯйдодҳои таърихии нимаи дуюми асри XIX-и аморати Бухоро аҳамияти муҳимро моликанд.

Дар қисмати хотимавии диссертатсия муаллиф натиҷаи таҳқиқу омӯзиш, таҳлил, мушоҳида, хулосаҳои худро дар 16 банд ва тавсияҳояшро дар 6 банд ботафсил, амиқ ва мушаххас ҷамъбаст намудааст.

**Тавсияҳо дар хусуси истифодаи натиҷаву хулосаҳои диссертатсия.**

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ахмедов Ф.Ҳ. ҳангоми омӯхтани рӯзгор ва осори яке аз донишмандони тавонои илми ховаршиносӣ,

адабиётшиносӣ, таърихшиносӣ академик Абдулғанӣ Мирзоев, таърихи ташаккул ва рушди илми таърих ва таърихнигории тоҷик, шарқшиносӣ метавонад мавриди истифода қарор гирад. Инчунин натиҷаву хулосаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон барои таълифи асарҳои ҷамъбастӣ ва бунёдӣ, историографӣ, хондани курсҳо ва семинарҳои махсус аз фанҳои ёрирасони таърихӣ истифода бурд.

Дар баробари комёбиҳо рисолаи Ахмедов Ф.Ҳ. аз баъзе камбудиҳо ва норасоиҳо холӣ нест ва таваҷҷуҳи муаллифро ба чанде аз онҳо ҷалб менамоем:

**Аввалан**, муаллифи диссертатсия пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоташро ба чаҳор гурӯҳ тақсим намуда, онро шарҳу тафсир намудааст, аммо яке аз пояҳои муҳими сарчашмашиносии таҳқиқотҳои таърихӣ ва таърихнигорӣ маводи бойгониҳо аз назари муҳаққиқ берун мондаанд. Агар ӯ маводи бойгониҳоро низ чун як пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқоти худ ба ин гурӯҳбандӣ ворид менамуд, арзиши илмии таҳқиқоти ӯ боз ҳам меафзуд.

**Дуюм,** ба иллати ин дар рисола маводи бойгонӣ, ба истиснои ду номаи А.Мирзоев ба унвони академик А.А.Семенов ирсолшуда аз бойгонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ Тоҷикистон (саҳ. 74-75-и диссертатсия) кам истифода шудааст. Агар муаллиф ҳангоми шарҳи ҳоли академик А.Мирзоев, фаъолияти ӯ дар мақоми сарвари Институти шарқшиносии АИ Тоҷикистон, фаъолияти шуъбаҳои ин пажӯҳишгоҳ, бештар ба маводи бойгонӣ такя мекард, беҳтар мешуд. Ин гуна мавод дар Бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Бойгонии давлатии марказии Тоҷикистон, Бойгонии Пажӯҳишгоҳи ховаршиносии АМИ ҷумҳурӣ ҳатман мавҷуданд ва муаллифи рисола онро дар оянда бояд ба назар гирад.

**Сеюм**, номи баъзе муассисаҳои илмӣ, таълимӣ баъзан ба ду шакл, масалан институт – донишкада, университет- донишгоҳ, институт (ба

маънои муассисаи илмӣ- таҳқиқотӣ)- пажӯҳишгоҳ, номи идораву мақомоти давлатӣ низ баъзан ба ду шакл омадаанд. Беҳтар аст, ки истилоҳҳо ба як шакл навишта мешуд.

**Чорум**, дар диссертатсия баъзе ғалатҳои техникӣ, чопӣ, сабкию услубӣ ба назар мерасанд.

Аммо, камбудиҳои зикршуда хислати усулӣ (принсипиалӣ) надоранд, онҳо ислоҳшаванда буда, арзишу аҳамияти илмии рисоларо коста намесозанд. Муаллифи рисола ҳуқуқи баён кардани фикру ақида ва мавқеи шахсии худро дорад.

Тамоми мақсад, вазифа ва ҳадафе, ки муҳаққиқ дар назди худ гузоштааст, ба пурраги ҳаллу фасл гардидаанд, рисолаи Ахмедов Ф.Ҳ. таҳқиқоти мантиқан ба анҷомрасида мебошад.

**Хулоса дар бораи мутобиқ будани диссертатсия ба талаботи КОА.**

Диссертатсияи Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович дар мавзӯи «**Инъикоси таърихи халқи тоҷик дар асарҳои академик Абдулғанӣ Мирзоев**», ки барои тақризи ташкилоти тақриздиҳанда пешниҳод шудааст, таҳқиқоти илмии арзишманд буда, унвонҷӯ бо хулосабароридҳо ва тавсияҳои пешниҳодкардаи илмии худ аз уҳдаи иҷрои вазифаҳои дар диссертатсия гузоштешуда ба хубӣ баромадааст.

Диссертатсия тибқи натиҷаҳои бадастомада, истифодаи амалӣ ва сифати вероиш ба талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи бандҳои 10, 11, 12 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016 №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ Ахмедов Фаррухзод Ҳасанович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ арзанда аст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи таърихи Ватан ва археологияи ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров баррасӣ ва тасдиқ шудааст. Дар ҷаласа 15 нафар ширкат намуданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ:

Тарафдор -15 нафар.

Муқобил - нест

Бетараф - нест

Суратҷаласаи №9 аз 23 апрели соли 2021

**Раисикунанда, мудири кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров, номзади илмҳои таърих, дотсент** — **Исомитдинов Ҷ.Б.**

**Ташхисгарон, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров** — **Раҳимов Н.Т.**

**Номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров** — **Шарифов Ш.**

**Котиби ҷаласа, коргузори кафедраи таърихи Ватан ва археологияи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров** — **Ҷӯраева М.А.**

Имзои мудири кафедра, дотсент Исомитдинов Ҷ.Б., профессор Раҳимов Н.Т., дотсент Шарифов Ш. ва коргузор Ҷураева М.-ро тасдиқ менамоям:

Сардори ШК ва корҳои махсуси ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров — Ашрапова З.

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1,
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров
Тел.: 6-52-73; 6-47-39;
Факс: 6-75-18; E-mail: rector@hgu.tj